**6.2.23 РӮЗНОМАНИГОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ**
**6.2.23 МЕЖДУНАРОДНАЯ ЖУРНАЛИСТИКА**
**6.2.23 INTERNATIONAL JOURNALISM**

**5.9.9. МЕДИАКОММУНИКАЦИИ И ЖУРНАЛИСТИКА**
**5.9.9. МЕДИАКОММУНИКАТСИЯҲО ВА РӮЗНОМАНИГОРӢ**
**5.9.9. MEDIACOMMUNICATIONS AND JOURNALISM**

***УДК 070***
***DOI 10.24412/3005-849X-2025-4-211-218***

## *МУШКИЛОТ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ЖУРНАЛИСТИКАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ*

***Самадова Дилбар Ҳасановна,*** *н.и.ф., дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров);* ***Мирсалимов Ҷаҳонгир Раҳматҷонович,*** *муаллими кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

## *ПРОБЛЕМЫ И ВОЗМОЖНОСТИ МЕЖДУНАРОДНОЙ ЖУРНАЛИСТИКИ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ*

***Самадова Дилбар Хасановна,*** *канд. филол. наук, доцент каф. журналистики и теории перевода ГОУ “ХГУ им. академика Б.Гафурова”;* ***Мирсалимов Джахонгир Рахматджонович,*** *преподаватель каф. журналистики и теории перевода ГОУ “ХГУ им. академика Б.Гафурова” (Худжанд, Таджикистан)*

## *CHALLENGES AND OPPORTUNITIES FOR INTERNATIONAL JOURNALISM IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION*

***Samadova Dilbar Khasanovna,*** *candidate in Philology, associate professor of the department of journalism and translation theory under the SEI “KSU named after academician Bobojon Gafurov”;* ***Mirsalimov Jahongir Rahmatjonovich****, lecturer of the department of journalism and theory translation under the SEI “KhSU named after academician B. Gafurov” (Khujand, Tajikistan)* ***e-mail:*** *jaha9262@gmail.com*

*Равандҳои таҳаввулоти журналистикаи байналхалқӣ ва дурнамои рушди он дар замони ҷаҳонишавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Омилҳои асосии дигаргунӣ, аз ҷумла таҳаввулоти технологияҳои рақамӣ, густариши ҷаҳонишавӣ ва нақши шабакаҳои иҷтимоӣ баррасӣ шуда, мушкилоту чолишҳои соҳа, аз қабили маҳдудиятҳои сиёсӣ ва масоили амнияти журналистон ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Мушкилоти соҳа дар робита ба озодии сухан, паҳни ахбори фейкӣ, нақзи меъёрҳои ахлоқи касбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, чораҳо барои дарёфти ҳалли мушкилот қайд гардидаанд. Дурнамои рушди журналистикаи байналхалқӣ бо таъкид ба ҳамкории байналмилалӣ, стандартизатсияи ахлоқӣ ва истифодаи технологияҳои сунъӣ пешниҳод шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *журналистикаи байналхалқӣ, ҷаҳонишавӣ, таҳаввулоти технологӣ, озодии сухан, иттилоот, ахбори фейкӣ, ахлоқи касбӣ*

*Рассматривается эволюция международной журналистики и перспективы ее развития в контексте глобализации. Установлено, что основными факторами, определяющими изменения, являются: развитие цифровых технологий, расширение процессов глобализации и растущая роль социальных сетей. Результаты анализа показывают, что отрасль сталкивается с рядом проблем и вызовов, в том числе политическими ограничениями и*

*безопасностью журналистов. Выявлены проблемы, связанные со свободой слова, распространением фейковых новостей и нарушениями профессиональной этики, а также описаны меры, направленные на поиск решения этих проблем. Предложены перспективы развития международной журналистики с акцентом на международное сотрудничество, стандартизацию этических норм и использование технологий искусственного интеллекта.*

**Ключевые слова:** *международная журналистика, глобализация, технологическая эволюция, свобода слова, новости, фейковые новости, профессиальная этика*

*The article examines the evolution of international journalism and the prospects for its development in the context of globalization. It has been established that the main factors determining the changes are: the development of digital technologies, the expansion of globalization processes and the growing role of social networks. The analysis shows that the industry faces a number of problems and challenges, including political restrictions and the safety of journalists. The paper identifies issues related to freedom of speech, the spread of fake news, and violations of professional ethics, and describes measures aimed at finding solutions to these problems. Prospects for the development of international journalism are proposed, with an emphasis on international cooperation, standardization of ethical standards, and the use of artificial intelligence technologies.*

**Key-words:** *international journalism, globalization, technological evolution, freedom of speech, news, fake news, professional ethics*

Дар марҳилаи кунунии ҷаҳонишавӣ, нақши журналистика ҳамчун яке аз абзорҳои асосии таъсиргузорӣ ба шуури ҷамъиятӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии иҷтимоӣ беш аз ҳарвақта аҳаммияти хоса касб менамояд. Ба гуфтаи профессор Ҷ. Муқим "ВАО новобаста аз муҳтаво, шакл, намуд ва аудиторияи худ бунёдан ниҳоди сиёсӣ маҳсуб мешавад. Зеро вай хусусияти таъсиррасонӣ ба тафаккури ҷомеа дорад" [10].

Дар даҳсолаҳои охир ҷаҳони иттилоот ба марҳалаи сифатан нав ворид гардид. Гуфта мешавад, ки ин раванд зери таъсири ҷаҳонишавӣ суръати бештар гирифт. Ҷаҳонишавӣ на танҳо равандҳои иқтисодию сиёсиро тағйир дод, балки низоми иттилоотии ҷаҳонро низ зери таъсир қарор дод.

Журналистикаи байналхалқӣ ҳамчун самти мустақили таҳқиқ дар илми коммуникатсия аз нимаи дуюми асри XX ба вуҷуд омад ва аҳли таҳқиқ бар он назаранд, ки тамоюлҳои ҷадид дар ин самт боиси дигаргун шудани функсияҳои ин самти журналистика гардид. Ба назари мо, дар робита ба ин масъала андешаи муҳаққиқи амрикоӣ Мануэл Кастелс ҷолиби диққат аст, ки мегуяд: "Журналистикаи байналхалқӣ бояд на танҳо паҳнкунандаи ахбор, балки воситаи фаҳму ҳамгироии байнимилалӣ бошад [3, 134] .

Дар натиҷа, журналистикаи байналхалқӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми фазои муосири иттилоотӣ аҳаммияти дучанд ёфт. Агар дар асри XX воситаҳои ахбори омма бештар хусусияти миллӣ доштанд, имрӯз марзҳои иттилоотӣ аз байн рафта, ҳар як ҳодисаи маҳалливу минтақавӣ метавонад ба масъалаи байналмилалӣ табдил ёбад.

Ин нуктаро Мануэл Кастелс тақвият бахшида мегуяд, ки "Журналистикаи ҷаҳонӣ имрӯз дар асоси шабакаҳои рақамӣ ва иртиботи глобалӣ фаъолият мекунад, ки дар он иттилоот ба манбаи асосии қудрат табдил ёфтааст[3,31].

Тавре ки Пешвои миллат-Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар Э.Раҳмон ба муносибати 100-солагии матбуоти тоҷик таъкид кард, "Дар ҳақиқат матбуот ва воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд. Онҳо хусусан дар замони таҳаввулот ва тағйирёбии самтҳои рушди ҷомеа, бадалшавии идеологияҳо ва ташаккули диди нави иҷтимоӣ аҳаммияти хоса пайдо менамоянд" [9].

Хусусан журналистикаи байналхалқӣ имрӯз на танҳо воситаи интиқоли иттилоъ, балки василаи муҳимми ҳамкории фарҳангӣ, муколамаи сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳо гардидааст. Ҳамзамон бо рушди босуръати технологияҳои нав, бахусус платформаҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, доираи паҳншавӣ ва таъсиргузории журналистикаи байналмилалӣ ба таври бесобиқа густариш ёфта, мақоми он дар ташаккули фазои иттилоотии ҷаҳонӣ беш аз пеш таҳким ёфтааст. Ҳамчунин, вуруди фарҳанги техникӣ дар ҷомеа барои пешрафти ҳамаҷонибаи журналистика заминаи мусоиде фароҳам овард. Ба назари муҳаққиқи тоҷик Суҳроби Мирзоалӣ гузариш ба пахши рақамӣ дар миқёси дунё ба рушди журналистикаи байналхалқӣ мусоидат намуда, аз ҷониби дигар вобастагии журналистикаи байналхалқӣ ба техникаю технологияро вусъат бахшид. "Тарзи паҳннамоии ахбор ба куллӣ тағйир ёфт ва бо рушди технологияҳои мобилӣ навъи муосири ,аҳнкунии маҳсулоти журналистӣ пайдо шуд ва пахши мустақим дар шабакаҳои иҷтимоӣ маъмул гардид" [7. 29].

Муҳаққиқони рус С.А.Михайлов ва С.Б.Никонов ба журналис-тикаи байналмилалӣ чунин таъриф медиҳанд: «Журналистикаи байналмилалӣ ҳамчун як фан як бахши журналистикаест, ки ҷанбаҳои байналмилалии фаъолияти журналистон ва ВАО, таъсири онҳоро ба ташаккули муносибатҳои байналмилалӣ ва қудрат меомӯзад; инъикоси фаъолияти созмонҳои сиёсии байналмилалӣ ва минтақавӣ бо риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии таҳияшуда оид ба ҷамъоварӣ, эҷод, коркард, нигоҳдорӣ ва паҳн кардани иттилоот тавассути каналҳои мавҷудаи ВАО мебошад" [2, 45].

Журналистикаи байналхалқӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти воситаҳои ахбори омма мебошад, ки ба паҳн намудани иттилоот дар сатҳи ҷаҳонӣ нигаронида шудааст. Он воситаи тарғиб ва ташаккули тафаккури ҷомеаи байналмилалӣ, воситаи мусоидат ба муколамаи байни фарҳангҳо ва давлатҳо мебошад, инчунин ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум дар бораи рӯйдодҳои дорои аҳаммияти ҷаҳонӣ равона карда шудааст. Ба қавли муҳаққиқи ҷавон Сафарзода М. "Дар баробари ин воситаҳои ахбори омма дар соҳаи сиёсати байналхалқӣ ва умуман дар ҳаёти сиёсии ҷамъият як қатор вазифаҳои мушаххасро иҷро мекунанд, ки дар тараққиёт ва дигаргунсозии ҷамъият мақоми хосса доранд. Ин вазифаҳо инҳоянд: коммуникативӣ, аксиологӣ, ташкилӣ, тарбиявӣ, интиқодӣ, манипулятсия ва ғайра" [6, 185].

Ба андешаи мо, журналистикаи байналмилалӣ аз журналистикаи миллӣ бо он фарқ мекунад, ки доираи мавзуъҳои он аз чорчӯбаи як кишвар фаротар рафта, масоили дорои аҳаммияти фаромиллӣ, равандҳои глобалӣ ва мушкилоти байналмилалиро дар бар мегирад. Ин шакли журналистика ба арзишҳои универсалӣ, аз қабили беғаразӣ, дақиқият ва эътимоднокӣ такя намуда, талош меварзад манфиатҳои гуногунқабатаи ҷомеаи ҷаҳониро инъикос намояд. Дар ин самти журналистика аллакай интихоби мавзуъ, масъалагузорӣ, меъёрҳо, стандартҳо, талабот ва дараҷаи аҳаммият мутафовит аст.

Дар даҳсолаҳои охир журналистикаи байналхалқӣ таҳти таъсири омилҳои гуногун ба таври назаррас дигаргун шудааст. Омилҳои асосии ин таҳаввулотро метавон ба чанд гурӯҳи муҳим тақсим кард. Омили аввал, пешрафти технологияи рақамӣ буда, рушди интернет, воситаҳои иртиботи мобилӣ ва платформаҳои рақамӣ имконият доданд, ки паҳнкунии иттилоот босуръат ва фарогир шавад. Ба қавли профессор Ҷовид Муқим "Имрӯз Интернет ба аз яке воситаҳои асосии иртиботии ҷомеа табдил ёфта, он дар як муддати кӯтоҳ тавонист, ки ба индустрияи табъу нашр таъсири амиқ гузорад ва боиси пайдоиши қаринаҳои электронии матбуот ва расонаҳои электронӣ гардад. [11].

Имрӯз хабарнигорон метавонанд, иттилоотро дар вақти воқеӣ интиқол диҳанд ва бо шунавандагони сершумор ҳамзамон дар робита бошанд. Муҳаққиқони дигари тоҷик И. Ҳамидиён ва Ф. Низом низ ин нуктаро тақвият бахшида мегуянд, ки "Технологияҳои замонавии иттилоотию коммуникатсионӣ, на танҳо усулҳои дарҷ ва пахши иттилоотро тағйир

дод, балки вазифа, қонуният, тип, фарогирӣ ва принсипҳои журналистикаро дигаргун сохт” [8,15]. Ин масъала дар баромади Президенти кишвар Э.Раҳмон низ ёдрас гардидааст: «Асри бистуякро асри иттилоот ном мебаранд. Имрӯз дастрасӣ ба иттилоот бо истифода аз технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ ба яке аз ҷузъҳои ҷудоинопазири ҳаёти башар табдил ёфтааст” [9]. Дар мақолаи худ муаллифон Самадзода М. ва Нуралиев А. низ ба ин андеша ҳастанд, ки “Журналистикаи байналхалқӣ ҳамчун рукни муҳимми ҷомеаи муосир ва василаи асосии паҳншавии иттилооту фарҳанги байналмилалӣ дар замони муосир бо таҳаввулоти босуръати технологӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ шудааст” [5,45].

Омили дигар, паҳншавии равандҳои ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб рафта, боиси он гардид, ки мардум бештар ба иттилооти байналмилалӣ ниёз пайдо кунанд. Ҳамгироии иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ талабот ба хабарҳои фаромиллӣ ва таҳлили равандҳои ҷаҳониро афзоиш дод. “Дар шароити тағйирпазирии ҷаҳони муосир таъсири ВАО на танҳо ба равандҳои сиёсӣ, балки дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ҳам меафзояд. Дар баробари ин, воситаҳои ахбори омма афкори ҷамъиятиро ташаккул дода, дар фаъолияти ҷамъиятӣ накши муҳим мебозанд” [6,185].

Шабакаҳои иҷтимоӣ, ба монанди Facebook, Twitter, Instagram ва TikTok ба муҳити иттилоотӣ таъсири бузург расониданд. Онҳо ба як манбаи муҳимми хабар ва платформаи мубодилаи иттилоот табдил ёфта, ба журналистика ҳам рақобат эҷод карданд ва ҳам имкониятҳои нав фароҳам оварданд. Минбаре, ки имрӯз шабакаҳои иҷтимоӣ барои паҳни иттилоот фароҳам овардааст, имкониятҳои беназир дорад. Бино ба иттилои пойгоҳи Kepios аввали соли 2025 аз шумораи умумии 8.20 миллиард нафар аҳолии олам, 5.24 миллиард кас истифодабарандаи шабакаҳои иҷтимоӣ ҳастанд [15]. Бо такя ба омори чандсолаи диҷитолишавии ҷаҳон, мо бар он назар ҳастем, ки раванди рақамишавӣ ва ба шабакаи глобалии интернетӣ пайвастшавии одамон торафт босуръат мешавад. Ин имкон медиҳад, ки аз бисёр ҷиҳат иттилоотонӣ ва таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеаи байнламилалӣ осонтар шавад.

Ташаккули журналистикаи байналхалқӣ имрӯз дар муҳити рақамӣ бештар мушоҳида мешавад. Бо назардошти имкониятҳои интернет суръати паҳншавии иттилоот, дастрасии оммавӣ ва истифодаи алгоритмҳо симои онро комилан дигар кардааст. Аз ин лиҳоз таъкид намудан зарур аст, ки дар замони шиддатёбии равандҳои иттилоотӣ, таҳқиқоти амиқ ва таҳлилҳои воқеӣ ба талаботи муҳимми журналистика табдил ёфтаанд.

Мо бар он назарем, ки ин дигаргуниҳо дар пешорӯи расонаҳо талаботи наве гузоштааст. Талабот ё ниёзҳои иттилоотии истеъмолкунандаи иттилоот имрӯз дигаргун шудааст. Феълан истеъмолкунандаи иттилоот тарҷеҳ медиҳад матнҳои хурд ва содаро бихонад, иттилоотро асосан аз тариқи маводи визуалӣ-reels, stories (қиссаҳо) ва иллюстративӣ-интерактивӣ (графика, инфографика, бозиҳо, квизҳо) бигирад. Пажӯҳишҳо низ тасбит намудааст, ки аудиторияи муосир вақт ва сабри хондани матолиби калонҳаҷмро надошта, ин омил ба кӯтоҳ, динамикӣ ва визуалӣ шудани форматҳо мусоидат намудааст. Ин нуктаро муҳаққиқони амрикоӣ Ҳиллари Шулман, Девид Марковитз ва Тод Родҷерс дар пажӯҳише таҳти унвони “Хондан дар мураккабӣ мемирад: истифодабарандагони хабарҳои онлайнӣ навиштаи содаро бештар дӯст медоранд” низ таъкид намудаанд. Ба андешаи ин муҳаққиқон хонандагон сарлавҳаҳо ва матнҳои содатаро нисбат ба навиштаҳои мураккаб афзал медонанд. Ин яке аз тамоюл ё талаботест, ки журналистикаи муосир бо он мувоҷеҳ аст” [12].

Имрӯзҳо бо шарофати технологияҳои рақамӣ ва рушди интернет, ВАО метавонанд иттилоотро дар муддати кӯтоҳ ба тамоми нуқтаҳои ҷаҳон бирасонанд. Ин ҳолат талаботи навро ба сатҳи касбият, малакаҳои забонӣ, донишҳои фарҳангӣ ва қонунгузории байналмилалӣ ба миён меорад. “Дар замони муосир, таҳаввулоти технологияҳои рақамӣ ва интернет ба журналистикаи байналхалқӣ шакл ва мазмуни нав бахшид” [8,45].

Аз ҳамин ҷост, ки журналистикаи байналхалқӣ ба ҳайси падидаи мураккабу фарогир на танҳо паҳнкунандаи иттилоъ, балки василаи наздик кардани тамаддунҳо ва ташаккули муколамаи созанда дар арсаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Бо вуҷуди пешрафтҳои назаррас, журналистикаи байналхалқӣ имрӯз дар рӯ ба рӯйи як қатор мушкилоту чолишҳои ҷиддӣ қарор дорад, ки ҳаллу фасли онҳо барои таъмини рушди устувор ва боэътимоди ин соҳа зарур аст. Ин нуктаро муҳаққиқ С.Гулов низ таъкид кардааст. “Ҷаҳони муосир рӯёрӯйи муаммоҳои зиёде қарор дорад ва ин муаммоҳо ҳам ба сиёсат, ҳам ба иқтисод, ҳам ба фарҳангу маънавиёт вобастаанд” [1, 48]. Яке аз мушкилҳои нигаронкунанда ин паҳншавии иттилооти бардурӯғ (фейк) маҳсуб ёфта, бо рушди шабакаҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои рақамӣ он хеле осон шудааст. Имрӯз аллакай ҳар як нафаре, ки дар даст дастгоҳи пайванд ба интернет дорад, истеҳсолкунандаи муҳтаво шуда метавонад. Ҳамзамон, фарқ кардани иттилои дақиқ аз дурӯғ барои аудитория душвор гардида, ба эътимоди ҷомеа нисбат ба расонаҳо таъсири манфӣ мерасонад. Ба андешаи муҳаққиқони соҳа низ “Хеле муҳим аст, ки аудитория дезинформатсия, хабари ғалат ва таблиғ пропагандаро дарк ва фарқ кунад, ҳарчанд ин кори хеле мушкил мебошад [8, 25]. Дар робита ба ин масъала доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷовид Муқим мегӯяд, “Журналистикаи муосир дар иртибот ба рушди ҷомеа мувоҷеҳи мушкилоти гуногун мебошад, ки аз ҳалли онҳо бунёди ҷомеаи демократӣ вобаста аст” [4,34]. Дар ҷомеаи имрӯз афзоиши хатари паҳншавии иттилооти бардурӯғ, маҳдудиятҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ва ҳамчунин мушкилоти амнияти шахсӣ барои рӯзноманигорон аз ҷумлаи масъалаҳои доғи рӯз боқӣ мондаанд.

Талаби иттилооти дақиқ ва босуръат аз омилиҳои дигар буда, дар ҷаҳони муосир аудитория талаб дорад, ки иттилоот на танҳо зуд, балки боэътимод ва дақиқ бошад. Табиист, ки ин ба дӯши журналистикаи байналхалқӣ масъулияти бузург мегузорад, то санҷиши манбаъ ва тафтиши ҳақиқатро дар авлавият қарор диҳад.

Мушкилоти дигари журналистикаи байналхалқӣ сензура ва фишорҳои сиёсӣ буда, дар бисёр кишварҳо журналистон ба таҳдидҳо ва, ҳатто, таъқиб рӯ ба рӯ мешаванд. Ин вазъ барои фаъолияти озодонаи онҳо халал мерасонад ва монеаи ҷиддӣ дар роҳи рушди журналистикаи байналхалқӣ мегардад. Хабарнигорони байналмилалӣ дар минтақаҳои ҷангӣ, ё минтақаҳои даргирӣ ва низоъ, бештар дар хатари ҷон қарор мегиранд. Бино ба иттилои Кумитаи дифоъ аз журналистон  давоми соли 2024 дар миқёси дунё 104 нафар журналист ва кормандони ВАО кушта шудаанд [13]. Бештари онҳо дар минтақаҳои ҷангзада кушта шудаанд. Ҳамчунин мушкилоти муҳофизати ҳуқуқии онҳо ҳанӯз ҳам ба таври кофӣ ҳал нашудааст. Дар ин давра 372 нафар кормандони ВАО-ро ҳабс кардаанд[14].

Дар шароити рақобати шадид ва коҳиши сармоягузорӣ ба ВАО, бисёр расонаҳои байналмилалӣ ба норасоии маблағ ва камбуди захираҳо рӯ ба рӯ мешаванд, ки ба сифати журналистика таъсир мерасонад.

Масоили ахлоқӣ ва стандартҳои касбӣ аз мушкилоти дигари журналистикаи байналмилалӣ маҳсуб ёфта, бо пайдо шудани рақобати нав аз ҷониби блогерҳо, риояи меъёрҳои ахлоқии касбӣ аз ҷониби хабарнигорон бештар зери суол мемонад. Ин ҳолат метавонад ба сифати иттилоот ва риояи меъёрҳои касбӣ осеб расонад.

Проблемаҳои мазкур нишон медиҳанд, ки журналистикаи байналхалқӣ бо вуҷуди таҳаввул ва ташаккулёбӣ дар ин марҳила, ҳамеша ниёз ба такмил ва мутобиқшавӣ ба воқеиятҳои нав дорад, то битавонад рисолати худро дар паҳн кардани иттилооти саҳеҳ, босифат ва боэътимод иҷро кунад.

Бо дарназардошти таҳаввулоти босуръат дар заминаи технология, сиёсат ва иҷтимоъ, дурнамои рушди журналистикаи байналхалқӣ бисёрҷабҳа ва умедбахш арзёбӣ мешавад. Дар ин маврид ба андешаи мо табодули таҷриба байни расонаҳо ва рӯзноманигорони кишварҳои

гуногун метавонад ба рушди сифати журналистика, инчунин баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва ахлоқии хабарнигорон мусоидат кунад.

Табиист, ки ниёз ба риояи қоидаҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои касбӣ дар шароити иттилооти фаровон зиёд гардида, дар оянда риояи стандартҳои байналмилалӣ бояд воситаи муҳимми баланд бардоштани эътимоди ҷомеа ба ВАО гардад.

Ба назари мо, барои рушди журналистикаи байналмилалӣ беҳбудбахшии сатҳи таҳкими озодии сухан, ҳифзи ҳуқуқи журналистон ва таъмини амнияти онҳо аз масъалаҳои муҳим боқӣ мемонад. Дар баробари ин таҳкими раванди муколама, фаҳмиши байнифарҳангӣ ва паҳнкунии иттилооти саҳеҳ ниёз ба мутобиқшавии пайваста ва ислоҳоти ҷиддӣ дорад.

Ҷоиз ба қайд аст, ки журналистикаи байналмилалӣ дар давраи ҷаҳонишавӣ ва рушди бесобиқаи технологияҳои рақамӣ аҳаммияти боз ҳам бештарро касб мекунад. Ба қавли муҳаққиқи ҷавон Сафарзода М., “ВАО дар даврони дигаргуниҳои ҷаҳони муосир яке аз падидаҳои гуногунҷанба буда, дар шуури омма нуқтаи назари муайянро ташкил медиҳад ва моделҳои сиёсиро ба афкори ҷамъиятӣ ворид мекунад, ки шахс маҷбур мешавад, на танҳо дар дохили кишвари худ, балки берун аз он ба амалҳои мушаххаси сиёсӣ аз нуқтаи назари афкори публитсистӣ ва журналистӣ машғул шавад, ки ин дар сатҳи байналхалқӣ ҳам таъсири амиқ дорад” [6,186]. Он имрӯз нақши калидӣ дар ташаккули афкори умумиҷаҳонӣ, интиқоли иттилооти саҳеҳ ва дастгирии муколамаи созанда миёни тамаддунҳо мебозад.

Дар шароити таҳаввулоти босуръат, дурнамои рушди журналистикаи байналхалқӣ умедбахш мебошад. Густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, стандартизатсияи меъёрҳои ахлоқӣ, истифодаи технологияҳои сунъӣ ва платформаҳои рақамӣ метавонанд ба рушди устувор ва боэътимоди он мусоидат кунанд. Ҳамзамон, таъмини амнияти хабарнигорон ва дастгирии озодии сухан бояд авлавиятҳои муҳимми ҷомеаи ҷаҳонӣ боқӣ монад.

Ҳамин тариқ метавон қайд кард, ки журналистикаи байналхалқӣ дар марҳилаи кунунии таҳаввулоти глобалӣ аз ҷумлаи ниҳодҳои муҳимми ташаккулдиҳандаи шуури ҷаҳонӣ ва муколамаи байнифарҳангӣ маҳсуб меёбад. Тахти таъсири пешрафти босуръати технологияҳои рақамӣ, он ба таври куллӣ дигаргун шуда, аз ВАО-и миллӣ ба фазои иттилоотии фаромарзӣ табдил ёфтааст. Аз як тараф, ин раванд имкониятҳои бесобиқаи дастрасӣ ва суръати манбаъҳоро фароҳам овард, ки дар натиҷа нақши журналистикаи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ дар таъмини огоҳии ҷомеа боз ҳам афзуд. Аз тарафи дигар, ин таҳаввулот як қатор мушкилоти (чолишҳои) ҷиддии дорои хусусияти глобалиро ба миён овард.

Бо дарназардошти ин, дурнамои рушди журналистикаи байналхалқӣ аз мутобиқшавии стратегӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ вобаста буда, барои бартараф кардани чолишҳо, таҳкими сатҳи касбияти рӯзноманигорон (аз ҷумла дониши забонҳо ва фанновариҳои рақамӣ), инчунин ба талабот ҷавобгӯ будани меъёрҳои ахлоқӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ зарур аст.

Хулоса, журналистикаи байналхалқӣ рисолати худро дар даврони ҷаҳонишавӣ танҳо дар сурате иҷро карда метавонад, ки агар тавонад масъулияти иҷтимоии худро дар муқобили технологияҳои фаврӣ ва сиёсатҳои таъсиргузор ҳифз намояд. Рушди минбаъдаи ин соҳа аз таҳкими принсипҳои объективият, беғаразӣ ва дақиқӣ вобаста буда, он бояд дар сафи пеши мубориза барои иттилооти саҳеҳ ва муколамаи созандаи тамаддунҳо қарор гирад.

***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Гулов, С. Н. Истиқлол ва журналистикаи тоҷик: маҷмӯи мақолаҳои илмӣ. — Душанбе: Маориф, 2025. — 168 с.*
2. *Михайлов С. А., Никонов С. Б. Международное право и законодательство иностранных государств о СМИ.— СПб.: С.-Петерб. гос. ун-т, филол. ф-т, 2012. — 150 с. ISBN 978-5-8465-1170-5*

3. *Кастельс, М. Власть коммуникации: учеб. пособие / М. Кастельс; пер. с англ. Н. М. Тылевич, А. А. Архипова; под науч. ред. А. И. Черных. — Москва: Издательский дом «Высшей школы экономики», 2020. — 365 с.*
4. *Самадова Д.Ҳ. Таҳаввули журналистикаи сиёсӣ ва баъзе масъалаҳои ВАО дар замони истиқлолияти миллӣ// Номаи донишгоҳ. №2(51) 2017.-С. 144-148*
5. *Самадзода, М. Т., Нуралиев, А. А. Навоварӣ ва омилҳои рушди журналистикаи байналхалқӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Равандҳои муосири журналистикаи байналхалқӣ: мушкилот ва дурнамо» (ш. Душанбе, 7 октябри соли 2025). — Душанбе, 2025. — С. 45-50.*
6. *Сафарзода М.Н. Нақши васоити ахбори омма дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ// Паёми донишгоҳи Хоруғ №2 (02) 2025.-С. 183-192*
7. *Сӯҳробӣ, М. Журналистикаи байналхалқӣ XII: маҷмуи мақолаҳо. — Душанбе, 2022. — С. 29–34.*
8. *Ҳамидиён И. ,Фирдавси Низом. Журналистикаи интернетӣ дар Тоҷикистон: Ташаккул, мушкилот ва дурнамо / И. Ҳамидиён, Н. Фирдавс. –Душанбе, 2022. -270 с.*
9. *Суханронии Э. Раҳмон дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик 10 марти соли 2012. – https://khovar.tj/2012/03/suhanronii-e-ra-1203-mon-dar-ma-1207-lisi-tantanav-1251-bahshida-ba-100-solagii-matbuoti-to-1207-ik/ (санаи муроҷиат: 1.11.25)*
10. *Муқимов М. Мушкилоти рушди журналистикаи чандрасонаӣ дар Тоҷикистон. – https://jovidmuqim.wordpress.com/2015/12/16 (санаи муроҷиат: 25.10.25)*
11. *Муқимов Ҷ. Проблемаҳои журналистикаи муосир. – https://jovidmuqim.wordpress.com (санаи муроҷиат: 5.11.25)*
12. *Hillary C. Shulman, David M. Markowitz and Todd Rogers. Reading dies in complexity: Online news consumers prefer simple writing. – https://www.science.org/doi/10.1126/sciadv.adn2555) (санаи муроҷиат: 2.10.25)*
13. *104 Journalists Killed. – https://cpj.org/data/killed/2025/?status=Killed&motiveConfirmed%5B%5D=Confirmed&type%5B%5D=Journalist&start_year=2024&end_year=2024&group_by=location (санаи муроҷиат: 25.10.25)*
14. *372 Journalists Imprisoned. – https://cpj.org/data/imprisoned/2024/?status=Imprisoned&start_year=2024&end_year=2024&group_by=location (санаи муроҷиат: 15.10.25)*
15. *Digital 2025: Global Overview Report. – https://datareportal.com/reports/digital-2025-global-overview-report (санаи муроҷиат: 6.11.25)*

## ***REFERENCES:***

1. *Gulov, S. N. Independence and Tajik Journalism: A Collection of Scholarly Articles. — Dushanbe: Maorif, 2025. — 168 pp.*
2. *Mikhailov, S. A., Nikonov, S. B. International Law and the Legislation of Foreign States on Mass Media. — St. Petersburg: St. Petersburg State University, Faculty of Philology, 2012. — 150 pp. ISBN 978-5-8465-1170-5.*
3. *Castells, M. Communication Power: A Study Guide. Translated from English by N. M. Tylevich, A. A. Arkhipova; edited by A. I. Chernykh. — Moscow: Higher School of Economics Publishing House, 2020. — 365 pp.*
4. *Samadova, D. H. The Transformation of Political Journalism and Certain Media Issues in the Period of National Independence // University Bulletin. No. 2 (51), 2017. — PP. 144–148.*
5. *Samadzoda, M. T., Nuraliev, A. A. Innovation and Factors in the Development of International Journalism // Proceedings of the National Scientific and Practical Conference "Contemporary*

*Processes in International Journalism: Problems and Prospects" (Dushanbe, October 7, 2025). — Dushanbe, 2025. — PP. 45-50.*

6. *Safarzoda, M. N. The Role of Mass Media in the System of International Relations // Bulletin of Khorog State University. No. 2 (02), 2025. — PP. 183–192.*
7. *Suhrobi, M. International Journalism XII: A Collection of Articles. — Dushanbe, 2022. — PP. 29–34.*
8. *Hamidiyon, I., Firdavsi, N. Internet Journalism in Tajikistan: Formation, Challenges, and Prospects. — Dushanbe, 2022. — 270 pp.*
9. *Speech by E. Rahmon at the ceremonial meeting dedicated to the 100th anniversary of the Tajik press, March 10, 2012. — Available at: https://khovar.tj/2012/03/suhanronii-e-ra-1203-mon-dar-ma-1207-lisi-tantanav-1251-bahshida-ba-100-solagii-matbuoti-to-1207-ik/ (date of appeal: 1.11.25).*
10. *Muqimov, M. Problems in the Development of Multimedia Journalism in Tajikistan. — Available at: https://jovidmuqim.wordpress.com/2015/12/16 (date of appeal: 25.10.25).*
11. *Muqimov, J. Problems of Modern Journalism. — Available at: https://jovidmuqim.wordpress.com (date of appeal: 5.11.25).*
12. *Hillary C. Shulman, David M. Markowitz and Todd Rogers. Reading dies in complexity: Online news consumers prefer simple writing. – https://www.science.org/doi/10.1126/sciadv.adn2555 (date of appeal: 2.10.25).*
13. *104 Journalists Killed. – https://cpj.org/data/killed/2025/?status=Killed&motiveConfirmed%5B%5D=Confirmed&type%5B%5D=Journalist&start_year=2024&end_year=2024&group_by=location (date of appeal: 25.10.25).*
14. *372 Journalists Imprisoned. – https://cpj.org/data/imprisoned/2024/?status=Imprisoned&start_year=2024&end_year=2024&group_by=location (date of appeal: 15.10.25)*
15. *Digital 2025: Global Overview Report. – https://datareportal.com/reports/digital-2025-global-overview-report (date of appeal: 6.11.25)*